**Ба Шурои диссертатсионии 6D.КОА-058 назди ДДОТ ба номи Садриддин Айнӣ (734003 ш. Душанбе, х. Рӯдакӣ 121)**

# ТАҚРИЗ

**ба автореферати диссертатсияи Ҳақназаров Умарали Нуралиевич дар мавзуи «Хусусиятҳои иқтисодӣ – географии муҳоҷиарти меҳнатӣ дар минтақаҳои Ҷумҳурии Тоҷикистон» барои дарёфти дараҷаи илмии доктори фалсафа (PhD) доктор аз рӯйи ихтисос аз рӯйи ихтисоси илмҳои география 6D060901 – Географияи иқтисодӣ, иҷтимоӣ, сиёсӣ ва рекреатсионӣ пешниҳод шудааст, (Душанбе, 2023. – 30 саҳ.)**

Маврид ба тазаккур аст, ки хусусиятҳои иқтисодӣ – географии муҳоҷирати меҳнатӣ дар минтақаҳои гуногуни Ҷумҳурии Тоҷикистон пешбинӣ гардида, масоили татбиқи он ҷавҳари асосии автореферати диссертатсияи Ҳақназаров Умарали Нуралиевичро ташкил медиҳад. Автореферат дар шакли матн дар ҳаҷми 30 саҳифа пешниҳод шудааст. Бояд қайд намуд, ки автореферат аз муқаддима, тавсифи умумии тадқиқот, қисмҳои асосии таҳқиқот (фишурда), хулоса ва тавсияҳое, ки дар он ҷамъбасти мухтасари таҳқиқот, феҳристи интишороти муаллиф доир ба мавзуи диссертатсия иборат мебошад дарҷ гардида.

**Мубрамии мавзуи таҳқиқоти диссертатсионӣ.** Мавзуи диссертатсияи Ҳақназаров У.Н. ба яке аз масъалаҳои мубрами аҳамияти назариявӣ ва амалидоштаи қисми умумии захираҳои меҳнатии Ҷумҳурии Тоҷикистон нигаронида шудааст.

Бояд қайд кард, ки мавзуи таҳқиқоти диссертатсионии мазкур дар шароити имрӯзаи Ҷумҳурии Тоҷикистон мубрам ва зарурӣ буда, таваҷҷуҳи бештари мутахассисон тадқиқотчиён ва олимони илми география ва демографияро талаб мекунад. Сарфи назар аз он ки мавзуи

таҳқиқшаванда бори аввал зери таҳқиқот қарор гирифтааст. Ҳамчунин, зикр намудан ба маврид аст, баъди соҳибистиқлол гардидани Ҷумҳурии Тоҷикистон рисолаи мазкур аввалин таҳқиқоти илмӣ бо забони давлатӣ дар соҳаи илми географияи ватанӣ ба ҳисоб меравад.

Ҳамин тавр, дар автореферати диссертатсия мубрамияти мавзуи таҳқиқот асоснок карда шуда, дараҷаи омӯзиши мавзуи таҳқиқот, объект ва предмети мавзуи таҳқиқот, мақсад ва вазифҳои он, асосҳои назариявии таҳқиқот, навгонии илмӣ ва нуқтаҳои илмии ба ҳимоя пешниҳодшаванда, аҳамияти назариявӣ ва амалии диссертатсия муайян карда шуда, оид ба саҳми шахсии довталаб, тасвиби натиҷаҳои таҳқиқот, сохтор ва хаҷми диссертатсия ба таври муқаррароти зарурӣ пешбинӣ гардидааст.

Хулоса ва тавсияҳои дар таҳқиқот пешбинишуда боэътимод ва аз ҷиҳати илмӣ асоснок буда, бо усулҳои умумиилмӣ ва махсуси илмии дар таҳқиқот истифодашаванда таъмин карда шудаанд. Бисёре аз муқарраротҳо, хулосаҳо ва тавсияҳое, ки дар таҳқиқот баён шудаанд, навгонии илмӣ мебошанд.

Аз таҳлили амиқ ва баррасии ҳамаҷонибаи масъалаҳои дар автореферат зикргардида ба хулосае омадан мумкин аст, ки сохтори таҳқиқот пай дар пай ва бо риояи мантиқи илмӣ таҳия гардидааст. Автореферати диссертатсия ҳамаи талаботҳои ҷойдоштаро дар худ инъикос намуда, натиҷаҳои пурра ва босамари таҳқиқотро ифода намудааст.

Аз рӯйи автореферати навишташудаи муаллиф чунин натиҷаҳои кори илмии мазкурро муайян намудан мумкин аст:

а) дар натиҷаи таҳқиқоти диссерататсионӣ таърих ва давраҳои муҳоҷиркунии аҳолӣ ба минтақаҳои гуногуни Ҷумҳурии Тоҷикистон мавриди таҳқиқ қарор дода шудааст;

б) тартиби ҷобаҷогузории захираҳои меҳнатӣ дар каламрави Ҷумҳурии Тоҷикистон муайян гардида, андешаҳои олимони соҳаҳои география, демография дар ин самт ба таври зарурӣ ҷамбаст шуда, муаллиф хулосаҳои илмии асоснокро дар қисмати хулосавӣ пешниҳод намудааст;

в) дар автореферати мазкур маълумоти зарурӣ ва хулосабарориҳои мушаххас дар бораи ҷиҳатҳои мусбӣ ва манфии муҳоҷирати меҳнатӣ дар ҷаламрави ҷумҳурӣ пешбинӣ шудааст;

г) пешниҳодҳои судманд ҷиҳати рушд ва ҷобаҷогузории захираҳои меҳнатӣ дар минтақаҳои гуногуни ҷумҳурӣ манзур гардидаанд;

Аз мазмуну муҳтавои автореферати мазкур бармеояд, ки муаллиф то ҳадди зарурӣ масъалаҳои дар наздаш гузошташударо ҳал намудааст, вале новобаста ба ин, баъзе масъалаҳое дар ин самт ҳамоно боқӣ мондаанд, ки таҳлилу баррасии алоҳидаро талаб менамоянд.

1. Ҳамчунин яке аз масъалаҳои асосӣ, тадбирҳо оид ба кучонидани муҳоҷирон аз як минтақа ба минтақаи дигар танҳо дар ҳолати мавҷуд будани кафолатномаи расмии тарафи қабулкунандаи муҳоҷирон доир ба ҷойгир кардани онҳо бояд амали карда шавад. Аммо аз таҳлили автореферати мазкур бармеояд, ки вобаста ба масъалаи мазкур муаллиф ба таври пурра диққати худро равона накардааст. Бинобар ин, пешниҳод, менамоем ки дар ин маврид муаллиф андешаҳои худро иловатан ироа намояд (саҳ.13).

2. Солҳои охир муҳоҷирати меҳнатӣ ва равандҳои он метавон гуфт, ки ба ҳамаи соҳаҳои муҳими ҳаёти шаҳрвандон ба инкишофи соҳаҳои иҷтимоию иқтисодӣ ва сиёсии мамлакат таъсири бевосита расонидааст. Вобаста ба ин масъала андешаи иловагии муаллифро донистан мехоҳем (саҳ.16).

Гуфтаҳои болозикр ба мазмуну моҳияти диссертатсияи муаллиф костагӣ ва духурагиро ба миён наоварда, баръакс василаи пурра ва мустаҳкам намудани онро ифода менамояд.

Натиҷаҳои таҳқиқоти диссертатсионӣ дар 8 мақолаи илмии муаллиф инъикос гардидааст, ки аз ин шумора 5 адади он дар маҷаллаҳои илмии тақризшавандаи Комиссияи олии аттестатсионии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон ва Федератсияи Русия ба табъ расидаанд.

Бояд кайд намуд, ки таҳқиқоти анҷомдодаи Ҳақназаров У.Н. мусбат мебошад, зеро он нахустин пажуҳиши илмӣ бо забони давлатӣ оид ба хусусиятҳои иқтисодӣ – географии муҳоҷирати меҳнатӣ дар минтақаҳои

Ҷумҳурии Тоҷикистон мебошад ва барои муҳаққиқони оянда заминаҳои мусоидро дар илми географияи ҷумҳурӣ мегузорад.

Дар маҷмуъ, бояд қайд намуд, ки автореферати диссертатсияи номзадии Ҳақназаров У.Н. мазмуни диссертатсияро инъикос намуда, дар он масъалаҳои бамиёнгузошта аз лиҳози илмӣ пайдарпай ва асоснок матраҳ гардида, аз рӯйи диди тоза ва мантиқ таҳлил шудааст.

Таҳлили автореферати мазкур аз он шаҳодат медиҳад, ки таҳқиқоти диссертатсионии Ҳақназаров У.Н. дар шароити имрӯза муҳим ва зарурӣ арзёбӣ гадида, ба талаботи муқарраркардаи тартиб додани дараҷаҳои илмӣ, ки бо Қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 30-юми июни соли 2021, таҳти №267 тасдиқ гардидааст, ҷавобгӯ буда, аз тарафи муаллиф мустақилона таълиф гардида, дорои ягонагии дохилӣ, натиҷа ва нуктаҳои нави илмӣ мебошад. Таҳқиқоти мазкур саҳми шахсии муаллифро дар соҳаи илм нишон медиҳад ва муаллифи рисола Ҳақназаров У.Н. сазовори дарёфти дараҷаи илмии доктори фалсафа (PhD) доктор аз рӯйи ихтисос дар самти илмҳои география 6D060901 – Географияи иқтисодӣ, иҷтимоӣ, сиёсӣ ва рекреатсионӣ мебошад.

**Тақриздиҳанда:**
**н.и.и. дотсенти кафедраи молия ва андозбандии Донишгоҳи байналмилалии сайёҳӣ ва соҳибкории Тоҷикистон** **Насирдинов И.М.**

**Имзои Насирдинов И.М. – ро тасдиқ мекунам:**
**Сардори раёсати кадрҳо ва корҳои махсуси Донишгоҳи байналмилалии сайёҳӣ ва соҳибкории Тоҷикистон** **Ҷӯраев Ш.Н.**
**«16» 05 2023 с.**

**Суроға: 734042, Ҷумҳурии Тоҷикистон, ш. Душанбе, х. Борбад 48/5,**
**E-mail:** ips@mail.ru **тел:** (+992 37) 234-88-02